# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА – 038 оид ба диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзуи «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия**

Комиссияи шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раис доктори илмҳои химия, и.в., профессор Раҷабзода С.И., аъзоёни комиссия доктори илмҳои биологӣ, и.в., профессор Каримзода А.И. ва номзади илмҳои биологӣ, дотсент Шахсуфбекова О.М. дар асоси қарори шурои диссертатсиони 6D.КОА–038, дар асоси низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон шуро оид ба ҳимояи такрории диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзуи «**Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия ба чунин хулоса омад.

Мавзуи диссертатсияи Муродова М. Ҳ. рӯзмарра хеле муҳим, буда барои муайян намудани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ, махсусан вазнафзункунӣ, серпашмӣ ва сифати он истифодаи усулҳои биохимиявии муайянкунии миқдории умумии сафедаҳо ва ҳиссаҳои сафедаҳои зардоби хун равона карда шудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Дар шароити минтақаи ҷануби Тоҷикистон барои муайян намудани маҳсулнокии ояндаи чорво, аз рӯи миқдори умумии сафедаҳо ва ҳиссаҳои сафедаҳои зардоби хун дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо истифодаи усулҳои биохимиявӣ таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст. Миқдори умумии сафедаҳои зардоби хун вобаста аз ҷинс ва синну соли гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва барраҷаҳо муайян карда шудааст. Муқаррар гардид, ки байни нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва маҳсулнокӣ алоқамандии мусбӣ мавҷуд мебошад. Байни нишондиҳандаҳои системаи полиморфии сафедаҳои зардоби хун ва аломатҳои миқдорӣ: пашми тарошидашуда ва вазни зиндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ алоқамандии мусбӣ ёфт гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола:** Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки алоқамандии мусбӣ байни нишондиҳандаҳои

микдори умумии сафедаҳо ва ҳиссаҳои он дар таркиби зардоби хун ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро нишон медиҳад. Баъзе аз нишондиҳандаҳои зардоби хунро дар ҳамоҳангӣ бо усулҳои зоотехникӣ барои пешгӯйӣ намудани маҳсулнокии ояндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ истифода бурдан мумкин аст. Нишон дода шудааст, ки миқдори гемоглобин ва дигар нишондиҳандаҳои гематологии таркиби хун вобаста аз синну сол, ҷинс, сатҳи хӯроки серғизо, усули парвариш ва фасли сол тағйир меёбанд. Омӯзиши полиморфизми сафедаҳо дар рамаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми гузаронидани корҳои селексионӣ, бо мақсади беҳтар кардани аломатҳои генетикӣ ба роҳ монда шавад.

**Эҳтимолияти натиҷаҳои** бадастомада ва хулосаҳо имконияти баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии зардоби хун бо назардошти аломатҳои селексионии чорво ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** Муаллиф бевосита дар ҷамъоварӣ ва ҷустуҷӯи таҳлили адабиётҳои соҳавӣ, омӯзиши объектҳои таҳқиқоти дар асоси гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, коркарди оморӣ, таҳлил намудани мавод ва нашри мақолаҳои илмӣ саҳм дорад.

Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми биохимия дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 03.01.04-Биохимия, ки аз рӯи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 19-уми январи соли 2022, таҳти №27/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсияи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси

худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуччатҳои пешниҳодшудаи Муродова М.Ҳ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз чумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавчуд намебошад.

Дар бахши хулоса ба таври чомеъ натичаҳои таҳқиқ баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи чорӣ мураттаб гардидааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубию китобатӣ ба назар мерасанд, ки моҳияти диссертатсияро халалдор намесозанд.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияи илмиро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд. Муҳимияти таҳқиқ тозагиҳои илмӣ, пешинаи таҳқиқ аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзуи «**Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун**».- Душанбе, 2023. - 116 саҳ. таҳқиқоти ба итмомрасидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашр намудаи довталаби дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биология (унвончӯ) фарогири мазмуну мухтавои умумии диссертатсиянд. Санчиш (антиплагиат) аз матни автореферати диссертатсия 96,74%-ро ташкил медиҳад.

Бандҳои 57 ва 60-и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

Маводи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгу буда, барои ҳимояи кушод оид ба ихтисоси 03.01.04 - Биохимия пешниҳод карда мешавад.

**Тавсияи комиссия:**

Диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзуи **«Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун»** барои ҳимоя ба шурои диссертатсиони 6D.КОА–038 барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия қабул карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ:

**1. Джураева Улугой Шаймардановна -** доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Точикистон.

**2. Носирчонова Хурсанд Раҳимовна** – номзади илмҳои биологӣ, муаллимаи калони кафедраи биохимияи Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссия:
д.и.х., и.в., профессор
узви шуро Раҷабзода С.И.

аъзоёни комиссия:
д.и.б., и.в., профессор узви шуро Каримзода А.И.

номзади илмҳои
биологӣ, дотсент Шахсуфбекова О.М.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

12.04.2023